«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____ Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат
«_____» ______________соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат менамояд. Масъалаи мазкур ба доираи мавзуъ ва ҷараёнҳои нав дар забоншиносӣ робити ногусастанӣ дошта, аз лиҳози назарӣ ва амалӣ аз аҳаммият холи нест.

Воқеан, воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни бадеӣ ҷойгоҳи хоса дошта, барои муассирии нутқ ва услуби баён унсури меҳварӣ мебошанд. Мутаасифона, корбурди шакли ягона ва мувофиқи воситаҳои тасвири бадеӣ мавҷуд нест ва диссертатсияи мазкур барои ҳалли ин масъала заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард.

Муҳтавои диссертатсия ба илми забоншиносии муқоисавӣ бевосита рабт дошта, майлонҳои навро бозгӯйӣ менамояд.

Пажуҳиши мазкур дар омӯзиши ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ иқдоми нахустин аст. Ҳарчанд масоили ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва корбурди самараноки он дар матнҳои бадеӣ, то андозае таҳқиқ шуда бошанд ҳам, дар назария ва амалияи тарҷума таносуби ягонаи тарҷумаи ин унсурҳо мавҷуд нест. Дар диссертатсияи мазкур ба таври фарогир масъалаи мазкур баррасӣ шуда, роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳқиқ шудааст. Ба ақидаи муаллиф, аҳаммияти мавзуи мазкур, ҳамчунин, дар таҳлили таҷассуми воситаҳои тасвири бадеӣ дар матн ва ҷанбаҳои забонию тарҷумавии онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ зоҳир мегардад.

Дар диссертатсия бори аввал хусусиятҳои луғавӣ-сохторӣ, сарфию наҳвӣ ва услуби воситаҳои тасвири бадеӣ баррасӣ карда мешавад, ки то

кунун ба таври кофию мушаххас дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ омӯхта нашудаанд. Баррасии диссертатсия нишон дод, ки зимни пажуҳиш муҳимтарин намунаҳои воситаҳои тасвири бадеӣ, вазифаҳои дастурӣ, тарҷумавӣ ва нақши онҳо дар ташаккули сохторҳои мукаммали муоширатии ҷумлаҳо ба таври муфассал таҳлил шудаанд.

Ҳамин тариқ, муҳтаво ва иртиботи диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна ба соҳаи илми забоншиносӣ бебаҳс буда, пурра бо шиноснома ихтисос (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Диссертант Соҳибназарова Ҳ.Т. дар коркади мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми шахсии худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмӣ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд.

Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ, монография дар робита ба мавзуи диссертатсияро метавон саҳми шахсии диссертант маҳсуб кард.

Муносибати инфиродии назарӣ ва методологии муаллиф дар ҳалли як қатор масъалаҳои заббоншиносии муқоисавӣ ва услубшиносию тарҷума мусоидат менамояд. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, мушоҳида, таҳлили муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ, таҳлили сохторӣ ва функсионалии онҳо, хусусиятҳои маъноӣ-наҳвӣ босамар истифода бурдааст.

Ҷиҳати таъмини эътимоднокии тавсияю хулоса ва пешниҳодҳо методҳои умумии мантиқӣ (таҳлил ва муқоиса) истифода гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ пурра эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

Дар маҷмуъ, бобу фаслҳои диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна фарогири муназзаму мантиқии масъалаҳои марбут ба ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ, мавзую муҳтаво ва ҷанбаҳои забонию тарҷумаи онҳо мебошад.

Муқаррароти илмии дар диссертатсия овардашуда дар асоси маводди адабиёти бадеии тоҷикию англисӣ буда, ба таври муқоиса таҳқиқ гардидани вижагиҳои воситаҳои тасвири бадеӣ дар такя ба собитҳои илмию амалӣ ифодашударо, ки **дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияро** инъикос менамоянд, нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти муҳаққиқ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

дигар маҷаллаҳои илмӣ интишор ёфта, фарогири мазмун ва муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Хулоса ва натиҷаҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ оид ба татбиқи мавзуи мавриди пажуҳиш дар заминаи адабиёти бадеӣ ва луғатҳои тафсирию дузабонаи тоҷикӣ ва англисӣ аз лиҳози илмӣ асоснок карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардаи** унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки диссертатсия дар заминаи воситаҳои тасвири бадеии матни асл ва ифодаи онҳо, тарҷумаи ин воситаҳо дар ду забон омӯхта шуда, татбиқ ва истифодаи мувофиқи онҳо дар шакли мукаммал дар асари бадеӣ амалӣ гардидааст.

Тарҷумаи мукаммали воситаҳои тасвири бадеӣ ва хусусиятҳои луғавию истилоҳии онҳо дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабона аз ҷониби диссертант пажуҳиш шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таҳавулли луғавӣ ва дастурии воситаҳои тасвири бадеӣ, ки номутобиқии истилоҳии онҳоро ошкор месозад, ба таври фарогир мушаххас гардида, ифодаи онҳо дар таркиби воҳидҳои луғавии бемуодил ва муодил мавриди таҳқиқу баррасӣ шудааст. Ин амал ба раванди тарҷумаи адабиёти бадеӣ метавонад таъсири мусбат ва манфӣ расонад.

Инчунин, навгонии илмии диссертатсияи мазкур бо дарназардошти вазифаҳои гузоштаашуда муқаррар карда шудааст.

Натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмиро инъикос менамоянд аз нуктаҳои зерин иборат аст: таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; омӯзиш ва ифодаи маҷоз ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар забонҳои мавриди назар; таҳлили арзишҳои луғавӣ ва дастурии он, муайян кардани падидаи маҷоз дар сохтори забонҳои мавриди баррасӣ, тавсифи навъҳои маҷоз ҳамчун аломатҳои асосии ҷумла, далели аҳаммияти воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули таркиби воҳидҳои бемуодил, инчунин, муайян намудани шабоҳат ва фарқияти байни онҳо дар заминаи мисолҳои мушаххас ва амсоли инҳо, ки ба рушду такомули забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик таъсири мусбат мерасонанд.

Пажуҳиши мазкур дар асоси таҳлили воҳидҳои гуногуни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сурат гирифта, марзгузории мафҳумҳои луғавӣ ва истилоҳии воситаҳои тасвири бадеӣ дар заминаи фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабона таҳлилу баррасишуда, **аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсияро** собит месозад. Натиҷаҳои назарии бадастоварди диссертантро метавон ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод дар муайян намудани марзи маъноии воҳидҳои мазкур дар забонҳои дигари муқоисашаванда истифода кард.

Натиҷаҳои диссертатсия назарияи воситаҳои тасвири бадеиро аз нигоҳи муқоиса ва тарҷума мукаммал намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи мусоид ва боэътимод фароҳам меорад. Ҳамчунин натиҷаҳои диссертатсия барои густариши таҳқиқоти муқоисавии забонҳо ва забоншиносии маърифатӣ, назария ва амалияи тарҷума, услубшиносӣ ва фарҳангшиносӣ муҳим бошад.

Хулоса ва натиҷаҳои аз пажуҳиш ба дастомадаро метавон дар таълими забоншиносии муқоисавӣ, назария ва амалияи тарҷума истифода намуд. Маълумоти бадастомада оид ба хусусияти воситаҳои тасвири бадеиро дар дарсҳои грамматикаи амалии забонҳои тоҷикӣ ва англисии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, зимни таҳия ва навиштан китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, навиштани диссертатсияҳои номзадию докторӣ ва дигар корҳои илмӣ-таҳқиқӣ истифода намудан имкон дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии пажуҳиши мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои додашуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии ҷумҳурӣ ва берун аз он арзёбӣ гардидаанд, ки ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсия дастовардҳои илмӣ ва андешаҳои назарии забоншиносон ва тарҷумашиносони тоҷик ва хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо асосан мушаххасанд. Омӯзиши сарчашмаҳои бадеии тоҷику англис, интихоби дурусти методҳои таҳқиқию баррасии мавзуъ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, ки **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба дигар ҷанбаҳои воситаҳои тасвири бадеиро дуруст муайян намояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ муаллифи 43 мақолаи илмӣ марбут ба диссертатсия мебошад, ки аз ин шумора 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 26 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявию минтақавӣ чоп шудаанд. Интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар мақолаҳои илмии довталаби дарафаи илмӣ муҳтавои таҳқиқ ба таври лозима инъикос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Дар диссертатсия 301 адабиёт истифода шуда, ҳаҷми он 461 саҳифаи чопи компютерӣ аст.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардидааст. Объекту предмети таҳқиқ, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия **«Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадей»** унвон дошта, аз 2 фасл иборат аст. Дар боби мазкур масъалаҳои бозбинии таҳқиқоти забоншиносии марбут ба корбурди воситаҳои тасвири бадей, марзгузории мафҳумҳои луғавӣ ва истилоҳии воситаҳои тасвири бадеӣ дар заминаи фарҳангҳо баррасӣ гардидааст. Диссертант роҷеъ ба марзгузории воситаҳои тасвири бадеӣ, ки то ҳол ба дараҷаи зарурӣ дар доираи ду забони гуногунсохтор ба таври муфассал баррасӣ нагардидааст, варианти муносиб ва мувофиқи воситаҳои тасвири бадеиро ошкор намудааст. Масалан, «мафҳумҳои мазкур дар шакли забони тоҷикӣ муодилҳои хоси худро доранд, ки истифодаи онҳо дар шакли сирф тоҷикӣ дар забон беназир арзёбӣ мегардад» (с. 55). Аз ин рӯ, ба андешаи муҳаққиқ «санъатҳои бадеӣ, яъне маҷозҳо чун ҷавҳари асосии мазмуни воситаҳои забонӣ истифода мешаванд ва дар сурати корбарии нодуруст дар нусхаи тарҷума ғалатҳое пайдо мешаванд, ки мутаносибан маънои матни аслро дода наметавонанд» (с. 62).

Боби дуюми диссертатсия «**Ҷанбаҳои назариявии таҳқиқи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ»** унвон гирифта, мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ муқаррар карда шудаа. Соҳибназарова Ҳ.Т. бар он андеша аст, ки «воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ низ мақом ва манзалати муҳимро касб намуда, дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ нақши бориз ва муассир мебозанд. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва баръакс дар ташаккули ҷумлаҳо ҳангоми истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ мушкилоти хосеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки танҳо дар истифодаи дуруст ва мукаммали онҳо бартараф карда мешавад» (с. 116).

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ ва услубии санъатҳои бадеӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном гирифта аз 7 фасл ва 2 зерфасл иборат аст. Ин боб фарогири масъалаҳои марбут ба намунаҳои барҷастаи воситаҳои тасвири бадеӣ буда, дар он роҳҳои ифодаи ин воситаҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ шуданд.

Боби чорум ба масъалаи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ бахшида шуда, таҳти унвони **"Вижагиҳои татбиқи таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ (дар заминаи матнҳои бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)"** тадвин шудааст. Боби мазкур аз 2 фаслу 6 зерфасл иборат аст, ки дар он таҳвилоти луғавию дастурии воситаҳои тасвири бадеӣ ошкор карда шудааст. Муаллифи диссертатсия вазифаи тарҷумонро дар интиқоли воситаҳои тасвири бадеӣ дар расонидани завқи эстетикӣ ба хонандаи забони тарҷума мебинад. Масалан, «вазифаи тарҷумон дар интиқоли санъатҳои бадеӣ ва дигар ҷузъҳои воситаҳои тасвири баён аз он иборат аст, ки сохтори дастурии забони асл ва тарҷумаро муайян карда, ба ин

восита, истифодаи дурусти калимаю ибораҳоро дар матни тарҷума ба роҳ монад» (с. 341).

Боби панҷуми диссертатсия **«Хусусияти тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар робита бо масъалаҳои «тарҷуманопазирӣ» дар асоси осори бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** номгузорӣ шуда, дар ин боб воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамчун падидаи «тарҷуманопазир», яъне воситаҳои тасвири бадеии таркиби воҳидҳои бемуодил бо мисолҳои мушаххаси асарҳои тоҷикӣ ва англисӣ, дар интихоби муодил ва муродифҳо, тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, зарбулмасалу мақол ва реалияҳо таҳлили амиқу дақиқ шудаанд.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант дар бахши «Хулоса»-и диссертатсия дар 24 банд оварда шудаанд, ки аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои бобу фасл ва зерфаслҳои диссертатсия мебошанд. Феҳристи адабиёт мувофиқи меъёр ва талаботи феҳрастнигорӣ танзим гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссератсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» мутобиқ ба меъёрҳои нави илмӣ таҳия шудааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талабот ва таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферат оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, авторефе-рати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, таҳти № 493 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари комёбиҳои иброзгашта баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро метавон ба таври зерин манзур намуд:

1. Миқдори фаслҳо дар бобҳои диссертатсия гуногунанд.
2. Дар саҳифаҳои 7-9-и диссертатсия муаллифоҳи рус нишон дода шудаанд, вале дар рӯйхати адабиёт дарҷ нагардидаанд.
3. Ҷанбаҳои кор дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шудаанд, лекин дар адабиёт бештар муаллифони рус оварда шудаанд. Хуб мешуд, аз муаллифони рус мисолҳо бо тарҷумаҳо нишон дода мешуданд.

4. Дар саҳифаи 206-и диссертатсия дар бораи метонимия, синекдоха ва антономасия мисолҳо оварда шудаанд, вале маънои маҷозии онҳо нишон дода нашудаанд. Хуб мешуд, мисолҳои маънои маҷозидошта дар кор истифода мешуданд.

5. Истифодаи мисолҳо оид ба антономасия дар забони тоҷикӣ ба манфиати кор мебуд.

6. Дар саҳифаҳои 218-219-и диссертатсия [174, с. 72; 63, с. 321] ва [33, с. 35] номи муаллифон ва номи мавод дарҷ нагардидаанд.

7. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (масалан, Б.Г. Бобилев дар диссертатсия ва В.Г. Бобылев дар рӯйхати адабиёт).

Камбудиҳои зикршуда дар маҷмуъ арзиши илмии кори таҳқиқиро коҳиш намедиҳанд. Муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузоштаашро дар сатҳу савияи баланди илмию таҳқиқӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи доктории Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна маълумоти фаровон ва далелҳои ҷолиб гирифтан мумкин аст.

Бинобар ин, диссертатсияи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ-таҳқиқӣ буда, онро дастоварди тоза дар забоншиносии муқоисавии тоҷик шинохтан мумкин аст. Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пурра мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки вай дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик як саҳми арзанда ва муҳимме боқӣ гузоштааст. Таҳқиқоти мазкур дар илми забоншиносии муқоисавӣ иқдоми нахустин буда, диссертант тавонистааст аз уҳдаи вазифаҳои гузошташуда барояд. Муаллифи диссертатсия бо мисолҳои мушаххас умумият, фарқият ва тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеиро дар забонҳои муқоисашаванда нишон додааст, ки ин боиси дастгирист.

**Хулоса,** диссератсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар сатҳи зарурӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Тағоева Табассум Музафаровна омода шуда, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 08-уми майи соли 2025 муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Суратҷаласаи **№10** аз **08.05.2025.**

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: **12 нафар**. Натиҷаи овоздиҳӣ: **«тарафдор»- 12 нафар, «зид» -нест, «бетараф» -нест.**

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
Доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забон ва адабиёти руси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав **Юсупова Зарина Розиқовна**

**ЭКСПЕРТ:**
Доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
назария ва типологияи забони англисии ДДБ
ба номи Носири Хусрав **Тағоева Табассум Музафаровна**

**Мудири кафедраи** назария ва типологияи забони
англисии ДДБ ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои филологӣ **Олматова Шарофат Сафаралиевна**

**Котиби илмии ҷаласа:**
н.и.ф., саромӯзгори кафедраи назария
ва типологияи забони англисии
ДДБ ба номи Носири Хусрав **Муродов Анваршо Илохидинович**

Имзоҳои З.Р. Юсупова, Т.М. Тағоева ва Ш.С. Олматова
ва А.И. Муродовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав **Исозода Тоҷиддин Исо**

**Нишонии муасссаи пешбар:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
тел: (83222) 02-45-20; 02-22-53
E-mail: bgu1978@mail.ru,
Сомона: http://www.bgu.edu.tj
**«12» 05 соли 2025**